5.6.5 [07.00.09] ТАЪРИХНИГОРӢ, МАЪХАЗШИНОСӢ ВА РАВИШИ ТАДҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ
5.6.5 [07.00.09] ИСТОРИОГРАФИЯ, ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ МЕТОДЫ ИСТОРИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ
5.6.5 [07.00.09] HISTORIOGRAPHY, SOURCE STUDIES AND METHODS OF HISTORICAL RESEARCH

***ТДУ 9 Т***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-63-69***

# *ИСТАРАВШАН ДАР ПАЖУҲИШҲОИ ИЛМИИ ПРОФЕССОР НАЗИРҶОН ТУРСУНОВ*

***Шарипов Парвиз Шавкатович,*** *унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ИСТАРАВШАН В НАУЧНЫХ ИССЛЕДОВАНИЯХ ПРОФЕССОРА НАЗИРДЖОНА ТУРСУНОВА*

***Шарипов Парвиз Шавкатович,*** *соискатель кафедры истории таджикского народа ГОУ «Худжандский государственный университет имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *ISTARAVSHAN IN PROFESSOR NAZIRJON TURSUNOV`S SCIENTIFIC RESEARCHES*

***Sharipov Parviz Shavkatovich,*** **Applicant** *of the Department of History of the Tajik People of the State University of Khujand State University named after Acad. B. Gafurova" (Tajikistan, Khujand)*

***Калидвожаҳо:*** *фарҳанг, тамаддун, анъана, таърихнигорӣ, Истаравшан, пажуҳиш, сарчашмаҳо, номвожа.*

*Таърих ва тамаддуни Истаравшани бостонӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони гуногунро ба худ ҷалб намуда, фарҳангу мероси пурғановати мардуми ин сарзамин дар тадқиқотҳои муаррихон, бостоншиносон, мардумшиносон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Инъикоси таърих ва фарҳанги Истаравшан дар илми таърихнигорӣ яке аз масъалаҳои камтаҳқиқшуда ба ҳисоб рафта, аз ин лиҳоз таҳлил ва арзёбии илмии осори муҳаққиқони гуногун яке аз вазифаҳои муҳимми илми таърихнигории тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ҷодаи истаравшаншиносӣ саҳму хизмати мардумшинос, фарҳангшинос, муаррихи маъруф, доктори илмҳои таърих, профессор Н.Турсунов хеле назаррас аст. Профессор Н.Турсунов оид ба таъриху фарҳанги Истаравшан, ташаккул ва рушди шаҳру деҳот, маҳалҳо ва гузарҳои он, касбу ҳунар, анъана, суннатҳои мардумӣ, маданияти моддӣ ва маънавии сокинони Истаравшан як қатор рисолаҳои пурарзиши бунёдӣ ва мақолаҳои сершумори илмӣ таълиф намудааст. Таҳлилу омӯзиши пажуҳишҳои илмии профессор Н.Турсунов дар ин самт барои арзёбии дастовардҳои илми таърихнигории ватанӣ дар марҳилаҳои муайяни рушди он ва мушаххас намудани вазифаҳо, дурнамои тадқиқотҳои минбаъда дар ҷодаи истаравшаншиносӣ кумак ва мусоидат хоҳад намуд.*

***Ключевые слова:*** *культура, цивилизация, традиция, историография, фарҳанг, Истаравшан, исследование, источники, топонимы.*

*В статье рассматриваются история и цивилизация древнего Истаравшана. Отмечается, что богатая культура и наследие жителей этой области стала предметом исследования и изучения историками, археологами, этнологами, и в то же время отражение истории и культуры Истаравшана явлется одной из малоизученных проблем в историографической науке. В связи с этим анализ, оценка научного наследия различных исследователей является важной задачей таджикской историографической науки. Определяется роль известного этнолога, культуролога, историка, доктора исторических наук, профессора Н.Турсунова в области истаравшановедения, который является автором ряда фундаментальных и ценных монографий и многочисленных научных статей, посвященных истории и культуре Истаравшана, возникновению и развитию его городов, селений и кварталов, ремесла, занятий, традиций и народных обычаев, материальной и духовной культуры жителей Истаравшана. Подчеркивается, что анализ и изучение научных исследований профессора Н.Турсунова в этом направлении помогает оценить достижения отечественной историографической науки на определенном этапе ее развития и способствует уточнению задач и перспектив будущих исследований в области истаравшановедения.*

***Key words:*** *culture, civilization, tradition, historiography, farhang, Istaravshan, research, sources, toponym.*

*The article examines the history and civilization of ancient Istaravshan. It is noted that the rich culture and heritage of the inhabitants of this region has become the subject of research and study by historians, archaeologists, ethnologists, and at the same time, the reflection of the history and culture of Istaravshan is one of the little-studied problems in historiographic science. In this regard, the analysis, assessment of the scientific heritage of various researchers is an important task of Tajik historiographic science. The role of the famous ethnologist, culturologist, historian, doctor of historical sciences, professor N. Tursunov in the field of Istaravshan studies is determined, who is the author of a number of fundamental and valuable monographs and numerous scientific articles devoted to the history and culture of Istaravshan, the emergence and development of its cities, villages and neighborhoods, crafts, occupations, traditions and folk customs, material and spiritual culture of the inhabitants of Istaravshan. It is emphasized that the analysis and study of scientific research by Professor N. Tursunov in this direction helps to evaluate the achievements of domestic historiographic science at a certain stage of its development and helps to clarify the tasks and prospects of future research in the field of Istaravshan studies.*

Истаравшан ё Уструшана [1] яке аз вилоятҳо, марказҳои хеле муҳим ва бузурги сиёсӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, ҳунармандӣ, тиҷоратӣ, илмӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ маҳсуб ёфта, ҳудуди он масоҳати зиёди сарзаминҳои пурвусъати қисмати ҳамвории миёнаобии Сирдарё, доманакӯҳҳо ва дараҳои қисмати ғарбии силсилакӯҳҳои Туркистон, болообии Зарафшон ва саробҳои асосии он – рӯдҳои Мастчоҳ ва Фондарёро дар бар мегирифт.

Истаравшан дар ғарб ва ҷанубу ғарб бо Суғд, дар шарқ ва шимолу шарқ бо Хуҷанду Фарғона ва дар шимол бо Илоқ ва Чоч (Шош-Тошканд) ҳамсарҳад буд [3,с.28].

Истаравшани имрӯза (аз асри XVI то соли 2000 Ӯротеппа ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2000-ум, таҳти №149 номи Истаравшанро гирифт)) дар таърих бо номҳои Киропол, Курушкада, Кирэсхата, Ӯротеппа, Истаравшан машҳур аст [2, с. 7-15; с. 16-22; с. 23-30].

Яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқот ва вазифаи илми таърих ва таърихногорони муосир ин таҳлил, ҷамъбаст, арзёбии илмии таҳқиқотҳо оид ба таъриху фарҳанги шаҳрҳои қадимаи тоҷикон мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки бостоншиносон ва муаррихони рус, шӯравӣ ва ватанӣ аз қабили В.В.Бартолд, А.Ю.Якубовский, А.А.Семёнов, А.М.Беленитский, О.Г.Болшаков, С.П.Толстов, Б.И.Маршак, О.А.Сухарева, Н.Н.Неьматов, А.М.Мухторов, Н.О.Турсунов, А.К. Мирбобоев, Ҳ. Пирумшоев, Н.Т.Раҳимов, Р.Муқимов, С.Мамадҷонова, Ш.Т.Юсупов, С.Ш.Марофиев ва дигарон доир ба марказҳо бузурги таърихию фарҳангӣ ва шаҳрҳои қадимаи тоҷикон – Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Конибодом, Исфара, шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ – Душанбе, Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар), Қубодиён, Кӯлоб, Ҳисор ва ғайра асару мақолаҳои зиёде таълиф ва интишор намудаанд.

Агар гӯем, ки дар байни шаҳру вилоятҳои қадимаи Тоҷикистони имрӯза аз лиҳози таъриху фарҳанг аз ҳама бештар Панҷакенти Қадим, Саразми бостонӣ, Шаҳристон, Истаравшан, Ҳулбук, Кӯлоб, Ҳисор омӯхта шудаанд, шояд иштибоҳ нашавад. Зеро доир ба таъриху фарҳанги давраи бостон ва асримиёнагии ин шаҳру вилоятҳо аз ҳама бештар тадқиқотҳо, рисолаҳо, мақолаҳо таълиф ва нашр шудаанд.

Дар радифи шаҳру вилоятҳои номбаршуда аз лиҳози тадқиқу омӯзиши таърих ва фарҳанги замони қадима ва асрҳои миёна Истаравшани бостонӣ мавқеи бобарор ва афзалиятнок дошта, сарнавишти ин шаҳри қадима дар илми бостоншиносӣ, таърихнигорӣ таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро бештар ба худ ҷалб кардааст. Гузаштаи рангин, фарҳангу мероси пурғановати мардуми ин сарзамин дар тадқиқотҳои муҳақиқони гуногун мақоми сазоворро касб намуда, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Инъикоси таъриху фарҳанги Истаравшани бостонӣ дар илми таърихнигорӣ ё ба истилоҳ истаравшаншиносӣ яке аз масъалаҳои камтаҳқиқшуда ва ҳанӯз ба таври бояду шояд омӯхтанашуда маҳсуб меёбад.

Таҳлили муфассал ва ҳамаҷонибаи тадқиқотҳои ба таърих ва фарҳанги Истаравшан бахшидашуда аз нигоҳи илми таърихнигорӣ, арзёбии илмии онҳо ва муайян намудани саҳму хизмати муҳаққиқони гуногун дар ин ҷода яке аз вазифаҳои муҳимми илми историографияи тоҷик ба ҳисоб меравад. Таҳқиқу омӯзиши ин масъала имкон медиҳад, ки тадқиқотҳои ба анҷомрасида таҳлил ва ҷамъбаст шуда, ба муаммоҳо ва масъалаҳои ҳалталаб, камтаҳқиқшуда равшанӣ андохта шавад ва таваҷҷӯҳи муҳаққиқони минбаъда ба ҳаллу фасли онҳо равона гардад. Иҷрои ин вазифа имкон медиҳад, ки тамоми вусъати ҷараёни инкишофи фаъолияти пажуҳишӣ ва марҳилаҳои асосӣ, хусусиятҳои хоси ҳар давра ва дастовардҳои он ҷамъбаст карда шуда, дараҷаи таҳқиқу омӯзиши мавзуъ ва саҳму хизмати муаррихон ва муҳаққиқони гуногун дар таҳқиқу омӯзиши таъриху

фарҳанги Истаравшан, мақоми он дар илми таърихнигории ватанӣ муайян ва мушаххас карда шавад.

Тамоми сарчашма, иттилоот, маълумот ва маводи мавҷуда оид ба таърих ва фарҳанги Истаравшани бостониро ба чунин навъҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Маълумоти манбаъ ва маъхазҳои қадима (осори хаттӣ) ва таълифоти муаррихони аҳди антиқа (маълумотҳои илми археография ва дипломатика-осори мустанад).
2. Маълумотҳои илмии бостоншиносӣ (археология), сиккашиносӣ (нумизматика), қиёфашиносӣ (антропология), мардумшиносӣ (этнография ва этнология), катибашиносӣ (эпиграфика).
3. Маълумоти асарҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, адабӣ, осори муаррихони асримиёнагӣ, санадҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ (васиқаҳои асримиёнагӣ).
4. Осор ва қайду навиштаҷоти муҳаққиқон ва сайёҳони тоинқилобии рус.
5. Маводҳои бойгонӣ (архивӣ), оморӣ ва иттилоотӣ.
6. Асару тадқиқотҳои муҳаққиқони муосири рус, шӯравӣ, хориҷӣ ва ватанӣ.

Муаррихи шинохтаи тоҷик, яке аз мутахассисони маъруф ва эътирофшудаи илми таърихнигорӣ (историография), доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҳайдаршо Пирумшоев таърихи таҳқиқу омӯзиши Истаравшанро дар илми таърихнигории асри XX шартан ба **чор марҳила** ҷудо намудааст [4, с. 72; 5, с. 153-154], ки ҳар як марҳила ҳудуди хронологии мушаххас, хусусият, натиҷаву дастовард ва муҳаққиқони худро дорад.

**1. Марҳилаи аввал**, то солҳои 30-юми асри XX-ро дарбар мегирад. Ин давраро метавон марҳилаи аввали таҳқиқу омӯзиши Истаравшан ва поягузории истаравшаншиносӣ ҳисобид, ки дар ин марҳила аввалият ва афзалият дар дасти муҳаққиқони муассисаҳои илмии марказ (Маскав, Санкт-Петербург), олимони рус буд. Бузургтарин намояндаи муҳаққиқони он давра ховаршиноси маъруфи рус, академик В.В.Бартолд маҳсуб меёбад.

**2. Марҳилаи дуюм**, солҳои 30-юм ибтидои солҳои 50-уми асри XX-ро дар бар мегирад. Дар ин давра бо шарофати таъсиси марказҳо ва муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳои олӣ ва ба камол расидани муҳаққиқони соҳибунвони маҳаллӣ маркази таҳқиқу омӯзиш ба Тоҷикистон кӯчид. Аз солҳои 40-уми асри XX омӯзиши таърих ва фарҳанги Истаравшан дар пажуҳишҳои донишманди мумтоз, академик Б.Ғафуров мавқеи хоссаро ишғол менамояд. Ба туфайли лаёқату истеъдоди фитрӣ, кордонӣ ва ғамхорию дурандешии ин фарзанди фарзонаи миллат мақом ва ҷойгоҳи Истаравшан дар таъриху тамаддуни халқи тоҷик ба таври равшану возеҳ кашф шуда, корҳои ҷустуҷӯӣ, ҳафриёт яке аз вазифаҳои муҳим ва марказии пажуҳишҳои бостоншиносон ва муаррихони ҷумҳурӣ қарор гирифт.

**3. Марҳилаи сеюм**, солҳои 50-оғози солҳои 90-уми асри XX-ро дар бар мегирад. Хусусияти хоси ин марҳила аз он иборат аст, ки тадқиқотҳо, ҳафриёти зиёди бостоншиносӣ, ҷамъоварии маъхазҳои хаттии таърихӣ, катибаҳо, санадҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ (васиқаҳо) ва омӯзиши васеи онҳо ба роҳ монда шуд. Дар ин замина ду мактаби тавонои илмӣ, ду равия ва ду самти пажуҳишҳои муҳимми илмӣ дар истаравшаншиносӣ ба миён омад.

**Мактаби аввали илмӣ, равия ва самти аввал** – таҳқиқу омӯзиши давраи бостонӣ ва ибтидои асрҳои миёна дар меҳвари фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, ҷустуҷӯ, ҳафриёт, кашфиёт ва эҷодиёти илмии бостоншинос ва муаррихи асил ва маъруфи тоҷик, академик Нӯъмон Неъматов ва шогирдони ӯ қарор гирифт.

**Мактаби дуюми илмӣ, равия ва самти дуюм** – пажуҳиши таърихи асрҳои миёна ва нави Истаравшан бо номи донишманди мумтози сарчашмаҳои хаттӣ, катибашинос, васиқашиноси номӣ, мутахассиси эътирофшудаи таърихи асрҳои миёнаи тоҷик, академик Аҳрор Мухторов ва шогирдони ӯ марбут аст.

Бояд зикр намуд, ки тамоми он комёбиҳое, ки дар роҳи омӯзиш ва пажуҳиши таърих ва фарҳанги Истаравшани замони бостон ва асрҳои миёна (ба истиснои баъзе аз муҳаққиқон) ба даст оварда шудааст, чунонки профессор Ҳ.Пирумшоев дуруст ва одилона қайд намудааст, воқеан ва аслан маҳсули заҳмат ва корномаи илмии ин ду муаррихи номӣ ва фидоёни асили роҳи илм аст [4, с.26-28]. Бидуни шакку шубҳа академикҳо Н.Неъматов ва А.Мухторовро метавон поягузорони мактаби илмии истаравшаншиносӣ ҳисобид ва осори онҳо дар ҷавҳар ва меҳвари таърихнигории (историографияи) Истаравшан қарор дорад.

**4. Марҳиалаи чорум**, аз солҳои 90-уми асри XX то рӯзҳои моро дар мегирад. Хусусияти хоси ин давра аз он иборат аст, ки бо сабаби воқеаҳои маълум (муқовимати сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ) дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX корҳои пажуҳишӣ дар ин самт каме заиф гардид. Аммо дар

миёнаи солҳои 90-ум дар таҳқиқу омӯзиши таърихи фарҳанги Истаравшан пешравӣ ба назар мерасад.

Дар ин марҳила Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи 3-юми феврали соли 2000 дар бораи ҷашнгирии 2500-солагии Истаравшан (Ӯротеппа) [10], омодагӣ ва таҷлили ин ҷашн дар самти таҳқиқу омӯзиши таърихи фарҳанги Истаравшан такони ҷиддӣ гардид ва дар ҷодаи истаравшаншиносӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуд.

Дар ҷодаи истаравшаншиносӣ саҳму хизмати мардумшинос, этнолог, ховаршинос, фарҳангшинос, муаррихи номӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Назирҷон Турсунов хеле назаррас ва шоистаи таҳсин аст ва номи эшон бешубҳа дар радифи истаравшаншиносони асил қарор дорад [10, с.138]. Профессор Н.Турсунов дар мактаби бузурги илмии ховаршиносон, мардумшиносон, тоҷикшиносони асили шӯравӣ – М.С.Андреев, Н.А.Кисляков, О.А.Сухарева, Н.Н.Ершов, А.К.Писарчик ва дигарон ташаккул ёфта, бо донишу фитрати зотӣ, заҳмату кӯшишҳои пайгиронаи худ дар доираҳои илмиии ҷумҳурӣ ва берун аз он ҳамчун муаррих, мардумшиноси асил шуҳратёр гардид. Мавсуф оид ба таърихи тамаддуни Истаравшан, ташаккул ва рушди шаҳру деҳоти ин музофот, касбу ҳунар, анъана ва суннатҳои мардумии он, маданияти моддӣ ва маънавии истаравшаниҳо як қатор тадқиқотҳои бунёдӣ офаридааст.

Соли 1976 дар нашриёти «Ирфон» рисолаи пурарзиши профессор Н.Турсунов «Ташаккул ва ҷараёни рушди сокинони шаҳр ва деҳоти Тоҷикистони Шимолӣ дар асри XIX – ибтидои асри XX. (Очерки таърихӣ-этнографӣ)» ба забони русӣ дар ҳаҷми беш аз 300 саҳифа нашр гардид [6]. Рисолаи мазкур аз 8 боб иборат буда, боби аввал ба тавсифи мухтасари таърихӣ-ҷуғрофии Тоҷикистони Шимолӣ дар асри XIX – ибтидои асри XX, бобҳои минбаъда ба шарҳу тавсифи ҳаёти сокинони шаҳри Хуҷанд ва деҳоти атрофи он, аҳолии шаҳру деҳоти Конибодом, Исфара, Ашт, Панҷакент, арзёбии таърихии ташаккул ва ҷараёни инкишофи сокинони шаҳру деҳоти Тоҷикистони Шимолӣ дар асри XIX – ибтидои асри XX бахшида шудааст.

Боби сеюми рисола «Аҳолии шаҳру деҳоти ноҳияи Ӯротеппа» ном дошта, он яке аз бобҳои калонҳаҷми рисолаи мазкур ба ҳисоб меравад [6, с. 129-174]. Боби мазкур аз зербобҳои «Шаҳри Ӯротеппа» [6, с.129-149], «Маҳалҳои наздишаҳрӣ, деҳот ва боғоти Ӯротеппа» [6, с. 149-162], «Ноҳияҳои иқтисодии наздик ва микроноҳяҳои Ӯротеппа» [6, с. 162-173] ва «Хулосаҳо» [6, с. 174] иборат аст.

Дар зербоби аввали рисола муаллиф доир ба вазъи Ӯротеппа дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ҳамчун маркази муҳимми маъмурии Тоҷикистони Шимолӣ, тавсифи ҷуғрофии шаҳр маълумоти муҳим меорад. Номвожаи «Ӯротеппа» ба андешаи профессор Н.Турсунов аз ду калима – **«ӯра»**-чукурӣ, мағоқ, хандақ, дара ва **«теппа»**-баландӣ, нишебӣ, ҳавзае, ки онро теппаҳо иҳота намудааст, иборат буда, релефи (тасвири муқарнаси) маҳалро ифода менамояд [6, с. 129]. Шаҳр дар соҳили дарёчаи Сойи калон дар доманаи ду теппа – ғарбӣ-теппаи Тал ва шарқӣ – теппаи Муғ ҷойгир шудааст. Дар масофаи 7 км болотар аз шаҳр дар маҷрои дарёчаи Сойи калон мавзеи чашмаҳои фаровон бо номи «Чашмасор» маълум буда, дар ду соҳили дарёча иншооти обгирии панҷ ҷӯйборҳои асосӣ –Сайёд, Чормаҳалла, Қавола, Аҳмадшоҳ, Поғундак ҷойгир шуда буданд.

Муаллифи рисола дар асоси маълумоти Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон чунин далелро меорад, ки дар панҷ ҷӯйбори номбаршуда соли 1879 – 16 адад ва соли 1905 – 21 адад осиёбҳои обӣ фаъолият доштанд [6, с.130]. Дар асоси маълумоти бойгониҳо, сайёҳони тоинқилобии рус профессор Н.Турсунов қайд менаояд, ки дар охири асри XIX деворҳои атрофи Ӯротеппа 7 дарвоза – шимолӣ-дарвозаи Нов ё Сойи поён, шарқӣ-дарвозаи Санги сиёҳ ва Яккабоғ, ҷанубӣ-дарвозаи Шаҳристон ё Сойи боло ва Қаробек, ғарбӣ-Дарвозаи боло ва Зомин (ё Ниҷонӣ ё Тал) доштанд. Дарвозаҳои асосӣ – дарвозаи Нов, Шаҳристон ва Зомин ба ҳисоб мерафтанд [6, с.131].

Профессор Н.Турсунов қайд менамояд, ки бозори Ӯротеппа аз рӯи шумораи дӯкону растаҳо, масоҳат ва корвонсаройҳо дар шимоли Тоҷикистон бузургтарин ба ҳисоб мерафт. Агар дар солҳои 70-уми асри XIX дар бозори Ӯротеппа 642 дӯкон мавҷуд бошад, соли 1905 шумораи онҳо ба 1165 адад ва шумораи корвонсаройҳо мутаносибан аз 3 то 25 адад афзуд [6, с.132]. Дар шаҳр шумораи чойхонаҳо ва ҳаммомҳои ҷамъиятӣ хело зиёд буданд. Ӯротеппа мисли Хуҷанд ба ду қисмати маъмурӣ – **«даҳа»**-шимолӣ-Охунон ва ҷанубӣ-Хоҷа Фахриддин ҷудо мешуд. Дар тафовут аз шаҳрҳои водии Фарғона ва Тошканд маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Ӯротеппа **«гузар»** ном дошта, ҳар яки онҳо ҳудуд, масҷид, ҳавз, чойхона, дӯкон ва растаҳои тиҷоративу ҳунармандӣ ва қабристони худро доштанд. Аз шумораи умумии 52 гузари шаҳр, ки соли 1893 тартиб дода шуда буданд, 24 гузар ба даҳаи Охунон ва 28 гузар ба даҳаи Хоҷа Фахриддин мансуб буданд. Профессор

Н.Турсунов дар натиҷаи пурсиши сокинони шаҳр ва таҳқиқоти этнографии худ шумораи гузарҳои шаҳрро 60 адад меҳисобад, ки он бо маълумоти академик А.Мухторов оид ба гузарҳои Ӯротеппа мувофиқат менамояд [6, с. 135]. Гузарҳои Ӯротеппа бо номи ҳунармандони ин ё он соҳаи касбу кор – Заргарон, Мехчагарон, Кордгарон, Хосабофон, Шонатарошон, Собунгарон, Кемухтгарон, Рӯғангарон, Қассобон, Чармгарон ва ғайра машҳур буд. Дар рисола оид ба навъҳои гуногуни касбу ҳунар, ҳайати иҷтимоӣ ва этникии сокинони Ӯротеппа маълумотҳои нодиру ҷолиб оварда мешавад.

Дар қисмати маҳалҳои наздишаҳр, деҳот ва боғоти Ӯротеппа муаллифи рисола қайд менамояд, ки шаҳрро 42 гузар ва деҳоти наздишаҳрӣ иҳота мекарданд ва аз лиҳози маъмурӣ 2 ҷамоати деҳотро дар сохтори волости Ӯротеппа ташкил мекарданд. Аз рӯи маълумоти солҳои 1887-1890 волост аз 41 қасаба, 1353-1420 ҳавлӣ иборат буда, онро 29 элликбоши идора мекарданд [6, с. 149]. Муаллиф дар бораи деҳоту қасабаҳо, гузарҳои Бобо Тағо, Сари Мазор, Оби Чаппа, маҳаллаи Ясӣ, Шонатарошон, Говдузон, Вафоӣ, Тошбек, Чорсада, Кӯи Равғангарон, Сари Чак, Сандукандак (Сандуғундак), Қалъаи Калон, Сурхӣ, Обҷувоз, Мазори Кабуд, Баландӣ, Мирҷо, Боғи Калон, Сарахсиён, Тапқоқ, Ниҷонӣ, Вогат, Ругунд, Сӯфи Ориф, Қалъачаи Араб, Яккабоғ, Сепула, Қалъачаи Гули Зард, Суркат, Пошкент, Қалъачаи Бакавул, Поҷиндак, Тӯтк, Қалъаи Меҳтар, Қалъаи Баланд, Арғу, Ҷавкандак, Шӯрак, Тӯда, Болғалӣ, Чорбоғ, Варсиқ, Майдонча, дар бораи маънои этимологии онҳо, таърихи ташаккул, сукунат ва баромади аслии сокинони қасабаву деҳот, шуғли асосии онҳо маълумотҳои нодирро аз сарчашмҳои гуногун, маводи бойгонӣ, тадқиқотҳои таърихиву этнографӣ овардааст.

Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи ҳаёт, иқтисодиёт ва тарзи зисту зиндагии сокинони шаҳри Ӯротеппа ва деҳоти атрофи он, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки хусусияти хоси ҳаёт, хоҷагидорӣ ва зисти мардуми он, пайванди ногусастании ҳунармандӣ бо кишоварзӣ, шаҳр бо деҳот мебошад.

Ҳаёти сокинони шаҳру деҳот, тарзи зист, шуғл, хоҷагидорӣ, хосатан санъати ҳунармандии мардуми тоҷик ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мардумшиноси асил, профессор Н.Турсунов қарор дошт. Аз рисолаи номзадии ӯ «Аз таърихи ҳунармандии шаҳрии Тоҷикистони Шимолӣ», ки 25 ноябри соли 1969 дар Шурои диссертатсионии Шуъбаи ленинградии Пажуҳишгоҳи этнографияи АИ ИҶШС ҳимоя шуда буд, то рисолаи докторӣ дар мавзуи «Инкишофи ҳаёти шаҳр ва деҳоти Тоҷикистони Шимолӣ дар асри XVIII – ибдидои асри XX», ки дар Шурои махсусгардонишудаи Пажуҳишгоҳи этнографияи АИ ИҶШС дар ш.Маскав 4 марти соли 1980 дифоъ гардид ва тамоми тадқиқотҳои минбаъдаи ин муҳаққиқи пуркор ва дақиқназар ба умдадарин масоили илми этнография, этнологияи халқи тоҷик бахшида шудаанд.

Соли 1991 дар нашриёти «Ирфон» тадқиқоти хеле муҳташам ва бунёдии профессор Н.Турсунов «Инкишофи қасаботи шаҳру деҳоти Тоҷикистони Шимолӣ дар асри XVIII – ибтидои асри XX» ба забони русӣ дар ҳаҷми 544 саҳифа аз нашр баромад [7], ки поя ва муҳтавои онро рисолаи доктории муаллиф дар бар мегирад. Таҳқиқоти мазкур аз рисолаи соли 1976 нашршудаи профессор Н.Турсунов [6] аз лиҳози ҳудуди хронологӣ, ҳаҷм, мазмун, муҳтаво хеле мукаммал ва фарогири маводи наву нодир мебошад. Рисола аз 7 боб иборат буда, боби 3-юми он «Шаҳри Ӯротеппа ва вилояти он» аз 4 зербоб ва зербобҳо аз зерфаслҳои алоҳида иборатанд. Дар рисолаи мазкур профессор Н.Турсунов доир ба манзараи ҷуғрофияи (ландшафти) таърихии шаҳр, бозор ва нуқтаҳои тиҷорат, сохтори маъмурию идорӣ, муассисаҳои динӣ ва таълимӣ, ҳайат ва шумораи этникии аҳолӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат, кишоварзӣ маълумотҳои нодир ва ҷолибро овардааст. Дар бобҳои минбаъдаи рисола тавсифи муфассали гузарҳо, деҳот ва боғот, қасабаҳои мардуми кишоварзи воҳаи Ӯротеппа ва атрофи он баён шудааст. Муаллиф ба тасвири қасаботи мардуми нимкӯчӣ ва кӯчии вилояти Ӯротеппа – Парчаюз, авулҳои Қароқипчоқ, Турк ва Шаҳристон зербоби алоҳидаро бахшидааст, ки яке аз тафовутҳои рисолаи нави ӯ маҳсуб меёбад.

Соли 1992 дар шаҳри Душанбе рисолаи пурарзиши профессор Н.Турсунов «Истаравшан. (Шарҳи мухтасари таърих ва маданияти халқ)» [9] дар ҳаҷми 208 саҳифа интишор гардид. Дар рисола дар пояи манбаъҳои таърихию этнографӣ, тадқиқотҳои муаррихон, мардумшиносон заминаҳо ва омилҳои ташаккул ва рушди шаҳру деҳоти Истаравшан аз аҳди қадим то даврони муосир мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода шуддаст. Рисола аз муқаддима, 6 боб ва хулоса иборат мебошад.

Дар боби аввал «Истаравшан дар партави манбаъҳои таърихию этнографӣ ва адабиёти илмӣ» [9, с.9-26] муаллиф маълумоти осори қадимаи хаттиро аз нахустқомуси мардуми ориёӣ – «Авесто» саркарда, то осори муаррихони Юнон ва Чини Қадим, сарчашмаҳои таърихиву ҷуғрофии

донишмандон ва сайёҳони асримиёнагии Араб ва Аҷам, сайёҳони тоинқилобии рус, муаррихон ва мардумшиносони шӯравӣ ва ватанӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Боби дуюми асар «Маъвои эҷоди таърих ва маданияти Истаравшан» [9, с.26-39] ба тавсифи ҷуғрофиёи таърихии ин вилояти бузург, сарватҳои зеризаминӣ ва табиии он, тавсифи воҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ, манбаъҳои обёрӣ, рӯду ҷӯйборҳо, роҳҳои тиҷоратӣ, навъҳои ҳамлу нақл бахшида шуда, муаллиф тамоми омилҳои ташаккул ва рушди таъриху маданияти мардуми Истаравшанро хеле моҳирона ба қалами тасвир кашидааст. Боби сеюми китоб «Таърихи мухтасари Истаравшан» [9, с.39-76] ба инъикоси мухтасари тамоми марҳилаҳои таърихи Истаравшан аз аҳди бостон то оғози асри XX бахшида шуда, хонандаро ба муҳимтарин воқеаву рӯйдодҳои таърихии дар ин сарзамин ба вуқуъ пайваста ошно месозад. Боби чоруми рисола «Инкишофи шаҳри Ӯротеппа ва деҳоти Истаравшан» [9, с.76-163] яке аз қисматҳои асосӣ ва калонҳаҷми рисола ба ҳисоб рафта, он ба масъалаи таҳлили этимологии номвожаи «Ӯротеппа», тавсифи ҷуғрофии шаҳр, ҳудуди маъмурӣ, деворҳои мудофиавӣ, дарвозаҳои шаҳр, дӯкону корвонсаройҳо, санъати манзилсозӣ, таҳлили ҳайати этникии аҳолӣ, шуғли мардум, соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ, тиҷорат, шумораи дӯкону растаҳо, ҳаммому нонвойхона, тавсифи гузарҳо, маҳаллаҳо ва деҳаҳои Истаравшан бахшида шудааст. Боби панҷуми рисола «Эҷодкорони Истаравшан» [9, с.163-187] ба инъикоси рӯзгор ва ҳунари эҷодкорони неъматҳои моддӣ ва маънавӣ – косибон, барзгарон, боғу токпарварон, ғаллакорон, чорводорон, ки бо меҳнати худ арзишҳои моддӣ ва маънавиро офаридаанд, бахшида шудааст. Дар рисола ному насаби устоҳои моҳиру чирадаст, наққошон, бофандагон, читгарон, оҳангарон, заргарон, кордсозон ва дигар ҳунармандони зебоиофари гузарҳои Истаравшан оварда шудаанд. Боби хотимавии рисола «Маданият ва тарзи зиндагии халқ» [9, с.187-200] ба тавсиф ва тасвири маданияти рӯзгор, суннат, урфу одат, санъати сару либос, таом, тӯю маърака, маросимҳои динию мазҳабӣ ва халқӣ бахшида шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки рисолаи профессор Н.Турсунов таҳқиқоти хеле ҷолибу шавқовар буда, он тамоми дастовардҳои мардуми Истаравшанро дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти моддӣ ва маънавӣ бо забони возеҳ, равону шево барои хонандагон ва дӯстдорони таъриху фарҳанги Истаравшани бостонӣ пешкаш менамояд.

Дар радифи рисолаҳои бунёдиву ҷамъбастӣ доир ба таърих, фарҳанг, тамаддун ва суннати мардуми Истаравшан профессор Н.Турсунов мақолаҳои зиёдеро таълиф намудааст, ки дар байни онҳо мақолаи «Мақоми Истаравшан дар таърихи умумибашарӣ» (бо ҳамқаламии Гулчеҳра Турсунова) мақоми хоссаро дорад [8, с.187-200]. Дар мақола дар бораи аҳамияти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 3-юми феврали соли 2000 оид ба таҷлили ҷашни 2500-солагии Истаравшан, роҳи тайкардаи мардуми ин сарзамин аз аҳди бостон то оғози асри XX, дастовардҳои моддӣ ва маънавии истаравшаниҳо ва саҳми фарзандони барӯманди он дар рушди илму фарҳанг маълумотҳои ҷолиб оварда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳаҷми як мақолаи маҳдуд таҳлил ва арзёбии ҳамаҷонибаи саҳми профессор Н.Турсунов дар таҳқиқу омӯзиши таърих ва тамаддуни Истаравшани бостонӣ ва ба ин васила ташаккул, рушди равияи истаравшаншиносӣ дар илми таърихнигорӣ аз имкон берун аст ва он саъю кӯшиш ва пажуҳишҳои ҷиддии минбаъдаро тақозо менамояд. Аммо танҳо як назари иҷмолӣ ба осори профессор Н.Турсунов марбут ба таъриху фарҳанги Истаравшан собит месозад, ки бидуни мутолиа ва истифодаи асарҳои ин донишманди асил ва муҳаққиқи дақиқназар наметавон дар бораи таъриху фарҳанги пурғановати ин сарзамин дониш ва иттилооти мукаммал пайдо намуд.

Ба итминони комил метавон гуфт, ки номи профессор Н.Турсунов дар радифи истаравшаншиносони асил қарор дошта, рисолаҳо, тадқиқотҳо ва таълифоти ин муҳаққиқи мумтоз ганҷинаи илми таърихнигории тоҷик, хосатан истаравшаншиносиро ғанӣ мегардонад.

## АДАБИЁТ:


1. Дар сарчашмаҳои таърихиву ҷуғрофӣ, адабӣ ва тадқиқотҳои олимон ин вилоят, мулк ва шаҳр бо номҳои гуногун – Уструшана, Уструшан, Сурушан, Киропол, Курушкада, Кирэсхата, Ӯротеппа, Истаравшан вомехӯрад. Аз ин лиҳоз, мо истилоҳи таърихан ташаккулёфта ва маъмулан серистеъмоли он – Истаравшанро истифода бурдаем.
2. Мухторов,А.Курушкада. Истаравшан. Ӯротеппа/АМухторов. –Душанбе:Амри илм, 2000.–100 с.
3. Негматов, Н.Н. Уструшана в древности и раннем средневековье/Н.Н.Негматов.– Сталинабад: Изд-во АН Тадж. ССР, 1957. – 160 с.

4. Пирумшоев, Ҳ.П. Таҳқиқи таърихи Истаравшан дар таърихнигории асри ХХ/Ҳ.П.Пирумшоев //Мақоми Истаравшан дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ/Фишурдаи маърӯзаҳои Симпозиуми байналмилалии «Мақоми Истаравшан (Ӯротеппа) дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ», (шаҳри Душанбе, 6 сентябри соли 2002). – Душанбе: Ому, 2002. – С. 71-73.
5. Пирумшоев, Х.П. Истаравшан в отечественной историографии/Х.П.Пирумшоев//Очерки по истории Истаравшана (Ура-тюбе). ХХ век. – Душанбе: Ому, 2002. – С. 12-33.
6. Турсунов, Н.О. Сложение и пути развития городского и сельского населения Северного Таджикистана XIX – начало XX вв. (Историко-этнографический очерк)/Н.О.Турсунов.– Душанбе: Ирфон, 1976. – 304 с.
7. Турсунов, Н.О. Развитие городских и сельских поселений Северного Таджикистана в XVIII – начало XX вв.(Историко-этнографические очерки)/Н.О.Турсунов.–Душанбе:Ирфон, 1991.– 544 с.
8. Турсунов, Н.О. Место Уструшаны в мировой истории/Н.О.Турсунов, Г.Н. Турсунова//Эҳёи Аҷам. – 2002. – №3. – С. 3-12.
9. Назирҷон, Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан. (Шарҳи мухтасари таърих ва маданияти халқ)/Н.Турсунов.–Душанбе: Ирфон, 1992. – 208 с.
10. Турсунов, Назирҷон. Дар андешаи устодон, дӯстон, шогирдон ва мухлисон/Н.Турсунов.– Хуҷанд: Ношир, 2022. – 404 с.
11. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷашнгирии 2500-солагии Истаравшан (Ӯротеппа)» // Садои мардум. – 2000. – 14 фев.

## REFERENCES:

1. In the historico-geographical, literary sources and researches of scientists, the relevant region, estate and city are mentioned under different names - Ustrushana, Ustrushan, Surushan, Uroteppa, Istaravshan. In this regard, we have used the historically formed and commonly-used term.
2. Mukhtorov A. Kurushkada. Istaravshan. Uroteppa. - Dushanbe: Amri ilm, 2000. - 100 p.
3. Negmatov N.N. Ostrushana in antiquity and the early Middle Ages. - Stalinabad: AN Tajik SSR, 1957.-160 p.
4. Pirumshoev H.P. The study of the history of Istaravshan in the historiography referring to the 20th century//The role of Istaravshan in the history of the civilization of the peoples of Central Asia / Thesis of the lectures of the International Symposium "The role of Istaravshan (Uroteppa) in the history of the civilization of the peoples of Central Asia", (Dushanbe city, September 6, 2002). - Dushanbe: Omu, 2002.-P.71-73.
5. Pirumshoev H.P. Istaravshan in Russian historiography // Essays on the History of Istaravshan (Ura-Tyube) appertaining to the 20th century. - Dushanbe: Omu, 2002. - P. 12-33.
6. Tursunov N.O. Formation and development paths of urban and rural population of Northern Tajikistan referring to 19th – the beginning of 20th centuries. (Historical and Ethnographic Essay). - Dushanbe: Cognition, 1976. - 304 p.
7. Tursunov N.O. Development of urban and rural settlements of Northern Tajikistan referring to 18th - early 20th centuries. (Historical and Ethnographic Essays). - Dushanbe: Cognition, 1991. - 544 p.
8. Tursunov N.O., Tursunova G.N. The Place of Ustrushana in world history // Ehyoi Aham. – 2002. – No. 3. – P. 3-12.
9. Nazirjon Tursuni Khujandi. Istaravshan. (Brief history and culture of the people). - Dushanbe: Cognition, 1992. - 208 p.
10. Nazirjon Tursunov in the opinion of teachers, friends, students and fans. - Khujand: Publisher, 2022. - 404 p.
11. Decree of the President of the Republic of Tajikistan "On the celebration of the 2500th anniversary of Istaravshan (Uroteppa)" // People's Voice. - 2000. - 14 Feb.